| | |
|---|---|
| **ОФЕРТА НА ПРИОБРЕТЕНИЕ ТОВАРОВ НА МАРКЕТПЛЕЙСЕ** | **ОФЕРТА ОИДИ ХАРИДАНИ МОЛ ДАР МАРКЕТПЛЕЙС** |
| г.Душанбе __ _______ 2025 г. | ш. Душанбе __ _______ 2025 с. |
| **1.ОБЩИЕ ПОЛОЖЕНИЯ** | **1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ** |
| 1.1. Данная публичная оферта является официальным публичным предложением ООО «Алиф Савдо», которая разработана в соответствии со ст. 561 Гражданского кодекса Республики Таджикистан, Законами Республики Таджикистан «Об электронной коммерции», Законом Республики Таджикистан «Об электронном документе и электронной подписи», Законом Республики Таджикистан «О защите прав потребителей» и иными нормативными актами, регулирующими продажу товаров, оказание услуг и заключение договоров электронной коммерции. | 1.1. Офертаи оммавии мазкур пешниҳоди расмии ҷамъияти ҶДММ "Алиф Савдо" буда мутобиқи моддаи 561 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи савдои электронӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъМолкунандагон" ва дигар санадҳои меъёрӣ, ки фурӯши Мол, расонидани хизматрасониҳо ва бастани шартномаҳои савдои электрониро танзим мекунанд, тартиб дода шудааст. |
| 1.2. Оферта размещена на сайте: https://alifshop.tj. | 1.2. Оферта дар сомонаи зерин ҷойгир карда шудааст: https://alifshop.tj. |
| **2.ПРЕДМЕТ ОФЕРТЫ** | **2. ПРЕДМЕТИ ОФЕРТА** |
| 2.1. Оферта определяет условия приобретения Покупателем товаров у Продавца с использованием Маркетплейса. | 2.1. Оферта шартҳои харидани Молро аз Фурӯшанда бо истифодаи Маркетплейс аз ҷониби Харидор муайян мекунад. |
| 2.2. Сделка заключается с любыми дееспособными физическими лицами на условиях, установленных в Оферте. | 2.2. Аҳд бо дилхоҳ шахсони дорои қобилияти ҳуқуқӣ тибқи шартҳои муқаррарнамудаи Оферта баста мешавад. |
| 2.3. Регистрация на сайте, использование функционала Маркетплейса и совершение заказа подтверждают полное и безоговорочное согласие Покупателя с условиями Оферты (акцепт). | 2.3. Бақайдгирӣ дар сомона, истифодаи функсияҳои Маркетплейс ва анҷом додани фармоиш розигии пурра ва беқайду шарти Харидорро бо шартҳои Оферта тасдиқ мекунад (аксепт). |
| 2.4. Перед использованием Маркетплейса Покупатель обязан ознакомиться с Офертой. | 2.4. Пеш аз истифодаи Маркетплейс Харидор бояд бо матни Оферта шинос шавад. |
| **ТЕРМИНЫ И ОПРЕДЕЛЕНИЯ** | **ИСТИЛОҲОТ ВА ТАЪРИФҲО** |
| Термины, написанные с заглавной буквы в Оферте, имеют следующие значения, если иное не предусмотрено в тексте: | Истилоҳоте, ки дар Оферта бо ҳарфи калон навишта шудаанд, маънои зеринро доранд, агар матн дигар пешбинӣ нашуда бошад: |
| **Авторизация** – идентификация Покупателя путем ввода номера телефона и кода подтверждения через SMS для доступа к Личному кабинету. | **Авторизатсия** – мушаххаскунии Харидор тавассути ворид кардани рақами телефон ва рамзи тасдиқ аз роҳи SMS барои дастрасӣ ба Утоқи шахсӣ. |
| **Акция** – мероприятие, проводимое ООО «Алиф Савдо» или Продавцом для привлечения клиентов, включающее снижение цен или другие маркетинговые действия. | **Икдом** – чорабинии ҷорикардаи ҶДММ "Алиф Савдо" ё Фурӯшанда барои ҷалби муштариён, ки кам кардани нархҳо ё дигар амалҳои маркетингиро дар бар мегирад. |

| | |
|---|---|
| **Алиф Савдо** – ООО «Алиф Савдо» (ЕИН: 0410045323, ИНН: 040068078, г. Душанбе, р. Сино, ул. Багаутдинова, д. 9), владелец Маркетплейса, на котором размещаются предложения о продаже Товаров. | **Алиф Савдо** – ҶДММ "Алиф Савдо" (РЯМ: 0410045323, РМА: 040068078, ш. Душанбе, н. Сино, кӯч. Баҳовуддинов, х. 9), соҳибмулки Маркетплейс, ки дар он пешниҳодҳои фурӯши Мол ҷойгир карда мешаванд. |
| **Договор** – акцептованная Покупателем Оферта. | **Шартнома** – Офертаи қабулшудаи Харидор. |
| **Заказ** – действия Покупателя, направленные на заключение договора с Продавцом посредством оформления заказа. | **Фармоиш** – амалҳои Харидор, ки ба бастани шартнома бо Фурӯшанда тавассути расмӣ намудани Фармоиш нигаронида шудаанд. |
| **Карточка товара** – визуальное и текстовое описание Товара, включая характеристики, информацию о Продавце и цену. | **Корти Мол** – тафсири визуалӣ ва матнии Мол, аз ҷумла хусусиятҳо, маълумот дар бораи Фурӯшанда ва нарх. |
| **Код** – персональный идентификационный номер для защиты от несанкционированного доступа и получения Заказа, аналог собственноручной подписи Покупателя. | **Рамз** – рақами идентификатсионии шахсӣ барои муҳофизат аз дастрасии ғайриқонунӣ ва гирифтани Фармоиш, шакли имзои шахсии Харидор. |
| **Личный кабинет** – онлайн-модуль для взаимодействия Покупателя с Маркетплейсом по адресу https://alifshop.tj, используемый для оформления Заказов. | **Утоқи шахсӣ** – модули онлайн барои ҳамкории байни Харидор бо Маркетплейс аз рӯи суроғаи https://alifshop.tj, ки барои тартиб додани Фармоишҳо истифода мешавад. |
| **Магазин** – онлайн-магазин на Маркетплейсе, через который Покупатель приобретает Товары. Включает карточки товаров, рейтинг, отзывы и карточку магазина. | **Мағоза** – мағозаи онлайн дар Маркетплейс, ки тавассути он Харидор Мол харидорӣ мекунад. Кортҳои Мол, рейтинг, баҳоҳо ва корти мағозаро дар бар мегирад. |
| **Маркетплейс** – онлайн-платформа по адресу https://alifshop.tj, включающая базы данных Алиф Савдо, мобильное приложение (Android и/или iOS), программное обеспечение, дизайн, фотографии и иную интеллектуальную собственность, используемую для дистанционной реализации Товаров. | **Маркетплейс** – платформаи онлайн дар суроғаи https://alifshop.tj, ки пойгоҳҳои маълумоти Алиф Савдо, барномаи мобилӣ (Android ва/ё iOS), таъминоти барномавӣ, дизайн, аксҳо ва дигар Моликияти зеҳниро дар бар гирифта барои амалӣ намудани фосилавии Мол истифода мешавад. |
| **Оферта** – публичное предложение ООО «Алиф Савдо» о приобретении Товара на Маркетплейсе. Акцепт Оферты Покупателем означает заключение Договора. | **Оферта** – пешниҳоди оммавии ҶДММ "Алиф Савдо" дар бораи харидани Мол дар Маркетплейс. Акцепти Оферта аз ҷониби Харидор маънои бастани Шартномаро дорад. |
| **Покупатель** – дееспособное физическое лицо, зарегистрированное на Маркетплейсе и оформляющее Заказы. | **Харидор** – шахси дорои қобилияти амалкунӣ, ки дар Маркетплейс ба қайд гирифта шуда Фармоишҳоро тартиб медиҳад. |
| **Продавец** – юридическое лицо или индивидуальный предприниматель, реализующий товары через Маркетплейс дистанционным способом. | **Фурӯшанда** – шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ, ки Молро фосилавӣ тавассути Маркетплейс ба фурӯш гузоштааст. |
| **Сайт** – веб-сайт Алиф Савдо по адресу https://alifshop.tj. Доменное имя и контент | **Сомона** – веб-сомонаи Алиф Савдо бо суроғаи https://alifshop.tj. Номи доменӣ ва таркиб |

| | |
|---|---|
| могут изменяться по усмотрению Алиф Савдо без согласования с Покупателем. | метавонад ба ихтиёри Алиф Савдо бе мувофиқакунӣ бо Харидор тағйир дода шаванд. |
| **Сторона** – Покупатель или Алиф Савдо в зависимости от контекста Оферты. | **Тараф** – Харидор ё Алиф Савдо вобаста ба моҳияти Оферта. |
| **Стороны** – Покупатель и Алиф Савдо совместно. | **Тарафҳо**–Харидор ва Алиф Савдо дар якҷоягӣ. |
| **Товар** – товары, реализуемые Продавцом через Маркетплейс. | **Мол** – Молҳое, ки Фурӯшанда тавассути Маркетплейс амалӣ мебошанд. |
| **Финансовые партнеры** – кредитные организации и другие юридические лица, сотрудничающие с ООО «Алиф Савдо» для предоставления Товаров в рассрочку, имеющие соответствующую лицензию. | **Шарикони молиявӣ** – ташкилотҳои қарзӣ ва дигар шахсони ҳуқуқӣ, ки иҷозаномаи дахлдорро дошта бо ҶДММ "Алиф Савдо" барои пешниҳоди Мол ба насия ҳамкорӣ мекунанд. |
| **Цена реализации товара** – стоимость Товара, устанавливаемая Продавцом, включающая себестоимость и вознаграждение Алиф Савдо. | **Арзиши амаликунии Мол** – арзиши муқараршудаи Мол аз тарафи Фурӯшанда, ки ба он арзиши бевоситаи Мол ва подошпулии Алиф Савдо дохил мешавад. |
| **Цена товара** – стоимость Товара, устанавливаемая Продавцом. | **Арзиши Мол** – арзиши муқараршудаи Мол аз тарафи Фурӯшанда. |
| В Оферте могут использоваться термины, не определенные в данном разделе. В этом случае их толкование осуществляется по буквальному значению. При отсутствии однозначного толкования применяется законодательство Республики Таджикистан, либо общепринятое значение в сети Интернет. | Дар Оферта метавонанд истилоҳоте истифода шаванд, ки дар бахши мазкур муайян нашудаанд. Дар ин ҳолат тафсири онҳо аз рӯи маънои таҳтуллафзӣ амалӣ карда мешавад. Дар ҳолати набудани тафсири ягона, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё маънои умумиқабулшуда дар шабакаи Интернет татбиқ мешавад. |
| **3.ПОРЯДОК ПОЛУЧЕНИЯ ДОСТУПА К ЗАКАЗАМ НА МАРКЕТПЛЕЙСЕ** **Регистрация на Маркетплейсе** 3.1. Для доступа к Маркетплейсу Покупатель проходит регистрацию, заполнив форму на сайте. Регистрация включает указание номера телефона (логина), подтверждение номера через SMS и нажатие кнопки «Регистрация». | **3. ТАРТИБИ ГИРИФТАНИ ДАСТРАСӢ БА ФАРМОИШҲО ДАР МАРКЕТПЛЕЙС** **Бақайдгирӣ дар Маркетплейс** 3.1. Барои дастрасӣ ба Маркетплейс Харидор Бақайдгириро бо пур кардани шакли муқарраршуда дар сомона мегузарад. Бақайдгирӣ нишон додани рақами телефон (логин), тасдиқи рақам тавассути SMS ва пахш кардани тугмаи "Бақайдгирӣ"-ро дар бар мегирад. |
| 3.2. При регистрации Покупатель предоставляет Алиф Савдо» согласие на обработку, сбор и хранение своих персональных данных, а также на их передачу третьим лицам. | 3.2. Ҳангоми Бақайдгирӣ Харидор ба Алиф Савдо розигӣ ба коркарди, ҷамъоварӣ ва нигоҳдории маълумотҳои шахсии худ инчунин интиқоли онҳо ба шахсони сеюм медиҳад. |
| 3.3. Покупатель соглашается получать информационные рассылки от ООО «Алиф Савдо» через SMS на номер, указанный при регистрации. | 3.3. Харидор барои гирифтани маълумот аз ҶДММ "Алиф Савдо" тавассути SMS ба рақаме, ки ҳангоми Бақайдгирӣ нишон додааст, розигӣ медиҳад. |

| | |
|---|---|
| 3.4. Покупатель самостоятельно создает пароль для входа в Личный кабинет. Маркетплейс может устанавливать требования к паролю (длина, символы и т. д.). | 3.4. Харидор мустақилона рамзро барои ворид шудан ба Утоқи шахсӣ тартиб медиҳад. Маркетплейс метавонад талаботро барои рамз (дарозӣ, аломатҳо ва ғ.) муқаррар кунад. |
| 3.5. После завершения регистрации Покупатель получает возможность оформлять заказы на Маркетплейсе. | 3.5. Пас аз анҷоми Бақайдгирӣ Харидор имконияти тартиб додани фармоишҳоро дар Маркетплейс пайдо мекунад. |
| 3.6. Персональные данные Покупателя, указанные в Личном кабинете, хранятся и обрабатываются ООО «Алиф Савдо» в соответствии с Политикой конфиденциальности, размещенной на Сайте. | 3.6. Маълумотҳои шахсии Харидор, ки дар Утоқи шахсӣ нишон дода шудаанд, мутобиқи Сиёсати махфият, ки дар Сомона ҷойгир карда шудааст, аз ҷониби ҶДММ "Алиф Савдо" нигоҳ дошта коркард мешаванд. |
| **4.ПОРЯДОК ОФОРМЛЕНИЯ ЗАКАЗА НА МАРКЕТПЛЕЙСЕ** | **4. ТАРТИБИ РАСМИКУНИИ ФАРМОИШ ДАР МАРКЕТПЛЕЙС** |
| 4.1. При использовании Маркетплейса Покупатель может осуществлять поиск информации о Товарах, и приобретать необходимый Товар. Товар представлен на сайте через графические изображения-образцы, являющиеся собственностью Маркетплейса. | 4.1. Ҳангоми истифодаи Маркетплейс Харидор метавонад ҷустуҷӯи маълумот дар бораи Мол анҷом диҳад ва Моли заруриро харидорӣ намояд. Мол дар сомона тавассути тасвирҳои намунавии графикӣ, ки моликияти Маркетплейс ба ҳисоб меравaнд, пешниҳод мешаванд. |
| 4.2. Сопровождающие Товар фотографии являются простыми иллюстрациями к нему и могут отличаться от фактического внешнего вида Товара. Сопровождающие Товар описания/характеристики не претендуют на исчерпывающую информативность и могут содержать опечатки. Для уточнения информации по Товару Покупатель должен обратиться к Продавцу. В связи с разными техническими характеристиками мониторов цвет Товара может отличаться от представленного на сайте. Нахождение информации о Товаре на Маркетплейсе не является гарантией его наличия на складе. | 4.2. Аксҳои пешниҳодгардидаит Мол тасвирҳои намунавии он буда метавонанд аз намуди зоҳирии воқеии Мол фарқ кунанд. Тафсири пешниҳодшавандаи хусусиятҳои Мол, маълумоти пурра ва ҳамаҷонибаи он набуда, метавонад хатоҳои чопӣ дошта бошанд. Барои мушаххас намудани маълумот дар бораи Мол Харидор бояд ба Фурӯшанда муроҷиат кунад. Дар робита бо хусусиятҳои техникии гуногуни мониторҳо ранги Мол метавонад аз он ки дар сомона пешниҳод шудааст фарқ кунад. Маълумот оид ба мавқеи ҷойгиршавии Мол дар Маркетплейс, кафолати мавҷудияти онро он дар анбор намедиҳад. |
| 4.3. Информация о Продавце Товара размещается в Карточке товара на Маркетплейсе. Данная информация предоставляется непосредственно Продавцом Товара, публикуется Алиф Савдо без изменения её содержания и смысла. | 4.3. Маълумот дар бораи Фурӯшандаи Мол дар Корти Мол дар Маркетплейс ҷойгир карда мешавад. Ин маълумот бевосита аз ҷониби Фурӯшандаи Мол пешниҳод карда шуда аз ҷониби Алиф Савдо бе тағйири мундариҷа ва маъноаш нашр мешавад. |
| 4.4. Покупатель оформляет Заказ, указав все необходимые для исполнения договоров Алиф Савдо и Продавцом данные, включая, но не ограничиваясь:<br>- персональная информация Пользователя;<br>- способ и адрес доставки;<br>- контактные данные и способ оплаты. | 4.4. Харидор Фармоишро бо нишон додани ҳамаи Маълумотҳои зарурӣ барои иҷрои шартномаҳо аз ҷониби Алиф Савдо ва Фурӯшанда тартиб медиҳад, аз ҷумла вале бо инҳо маҳдуд нашуда:<br>- маълумоти шахсии Харидор;<br>- намуд ва суроғаи бурда расондан:<br>- маълумот барои алоқа ва тарзи пардохт. |

| | |
|---|---|
| 4.5. Осуществляя Заказ (путем нажатия кнопки «Оформить Заказ» или иной аналогичной кнопки), Покупатель подтверждает, что:<br>- информация о приобретаемых им Товарах доведена до сведения Покупателя в полном объеме;<br>- он полностью ознакомился с настоящей Офертой, что он полностью её понимает, а также понимает и согласен с предметом и условиями заключенного с Продавцом Договора;<br>- Покупатель ознакомился со всеми существенными условиями продажи Товара. | 4.5. Бо анҷом додани Фармоиш (тавассути пахш кардани тугмаи «Фармоишро тартиб диҳед» ё тугмаи дигари шабеҳ), Харидор тасдиқ мекунад, ки:<br>- маълумот дар бораи Моле, ки ӯ харидорӣ мекунад, ба иттилои Харидор дар ҳаҷми пурра расонида шудааст;<br>- ӯ пурра бо Офертаи мазкур шинос шудааст, онро пурра фаҳмидааст, инчунин предмет ва шартҳои шартномаи бо Фурӯшанда бастаро фаҳмида ва бо онҳо розӣ аст;<br>- Харидор бо ҳамаи шартҳои муҳими фурӯши Товар шинос шудааст. |
| **5.ПОРЯДОК ОПЛАТЫ ТОВАРА**<br>5.1. Пользователю, оформляющему Заказ Товаров на Маркетплейсе, предоставляется возможность выбрать вариант оплаты одним из предусмотренных способов:<br>- оплата Товаров банковской картой при наличии соответствующей технической возможности;<br>- безналичная оплата Товаров непосредственно на Маркетплейсе при оформлении Заказа (например, банковской картой, электронным кошельком или иным способом, предложенным на Маркетплейсе при наличии соответствующей технической возможности);<br>- оплата в рассрочку согласно порядку указанной в Оферте. | **5. ТАРТИБИ ПАРДОХТИ МОЛ**<br>5.1. Ба Харидоре, ки Фармоиши Молро дар Маркетплейс амалӣ мекунад, имконияти интихоби воситаҳои пардохт аз якеи тарзҳои пешбинишуда пешниҳод мешавад:<br>- пардохти Мол бо корти бонкӣ дар ҳолати мавҷуд будани имконияти техникии дахлдор;<br>- пардохти ғайринақдии Мол бевосита дар Маркетплейс ҳангоми расмикунии Фармоиш (масалан, бо корти бонкӣ, ҳамёни электронӣ ё тарзи дигар, ки дар Маркетплейс дар ҳолати мавҷуд будани имконияти техникии дахлдор пешниҳод шудааст);<br>- пардохт дар қарз мутобиқи тартиби дар Оферта нишондодашуда. |
| 5.2. В случае, предусмотренном п. 3.1 Оферты выбор соответствующей формы оплаты производится Пользователем в интерфейсе Маркетплейса. | 5.2. Дар ҳолати пешбинишудаи б. 3.1 Оферта интихоби шакли дахлдори пардохт аз ҷониби Харидор дар интерфейси Маркетплейс анҷом дода мешавад. |
| 5.3. В случаях, предусмотренных действующим законодательством, а также при расчетах за Заказ в сети интернет электронный чек направляется на номер телефона, указанный Пользователем при оформлении Заказа. | 5.3. Дар ҳолатҳои пешбинишудаи қонунгузории ҷорӣ, инчунин ҳангоми ҳисобкунӣ барои Фармоиш дар шабакаи интернет, чеки электронӣ ба рақами телефоне, ки Харидор ҳангоми тартиб додани Фармоиш нишон додааст, фиристода мешавад. |
| **Рассрочка**<br>5.4. При наличии соответствующей технической возможности Алиф Савдо вправе предоставить Пользователю доступ к функциональности, допускающей оплату Товаров в рассрочку, оформленные в Финансовых партнерах. Для использования указанной функциональности на Маркетплейсе Пользователю также может предоставляться функциональность отправки заявки на подбор рассрочки Финансовым | **Насия**<br>5.4. Дар ҳолати мавҷуд будани имконияти техникии дахлдор Алиф Савдо ҳуқуқ дорад ба Харидор дастрасиро барои пардохти Мол ба насия, ки аз ҷониби Шарикони молиявӣ амалӣ карда шудааст, пешниҳод кунад. Барои истифодаи функсияи нишондодашуда дар Маркетплейс ба Харидор инчунин функсияи фиристодани дархост барои интихоби насия ба Шарикони молиявӣ бо мақсади пардохти Мол (дар оянда - Дархости насия) пешниҳод карда шуда метавонад. |

| | |
|---|---|
| партнерам в целях оплаты Товаров (далее – Заявка на рассрочку). | |
| 5.5. В случае доступности указанной в п.3.5 функциональности, на Маркетплейсе Пользователю может предоставляться примерная информация о сроке кредита и/или рассрочки, размере ежемесячных платежей и иная информация о финансовых предложениях Финансовых партнерах. Указанная информация формируется и предоставляется Финансовыми партнерами, Алиф Савдо не несет ответственности за достоверность, точность, актуальность предоставленной Финансовыми партнерами информации. Указанная информация может быть размещена на Маркетплейсе в специальном блоке/ссылка. | 5.5. Дар ҳолати дастрас будани функсияи дар б. 3.5 нишондодашуда, дар Маркетплейс ба Харидор маълумоти тахминӣ дар бораи мӯҳлати кредит ва/ё насия, андозаи пардохтҳои ҳармоҳа ва маълумоти дигар дар бораи пешниҳодҳои Молиявии Шарикони молиявӣ пешниҳод карда шуда метавонад. Маълумоти нишондодашуда аз ҷониби Шарикони молиявӣ ташаккул дода ва пешниҳод карда мешавад, Алиф Савдо барои дурустӣ, дақиқият, мутобиқати маълумоти аз ҷониби Шарикони молиявӣ пешниҳодшуда масъул нест. Маълумоти нишондодашуда дар Маркетплейс дар блоки махсус/истинод ҷойгир карда шуда метавонад. |
| 5.6. Осуществляя переход в Маркетплейсе к такому специальному блоку/ссылке, Покупатель соглашается, что для целей персонализации финансовых предложений от Финансовых партнеров, его персональные данные могут передаваться Финансовым партнерам. Обработка персональных данных в таком случае осуществляется полностью в соответствии с условиями политики конфиденциальности и в соответствии с другими соответствующими внутренними нормативно правовыми актами Финансовых партнеров. | 5.6. Бо гузариш дар Маркетплейс ба чунин блоки махсус/истинод Харидор розӣ мешавад, ки барои мақсадҳои мушаххаскунии пешниҳодҳои молиявӣ аз Шарикони молиявӣ, Маълумотҳои шахсии ӯ ба Шарикони молиявӣ интиқол дода шуда метаванд. Коркарди Маълумотҳои шахсӣ дар чунин ҳолат пурра мутобиқи шартҳои сиёсати махфият ва мутобиқи дигар санадҳои дохилии меъёрӣ-ҳуқуқии дахлдори Шарикони молиявӣ анҷом дода мешавад. |
| 5.7. В рамках рассмотрения Заявки на рассрочку, обработку персональных данных, рассмотрение финансовых данных и передача информации составляющих банковскую тайну осуществляется исключительно Финансовыми партнерами и Алиф Савдо и его сотрудники не участвует в рамках данного рассмотрения и не имеет доступ к данным отправляемым по специальному блоку/ссылке. | 5.7. Дар доираи баррасии Дархости насия, коркарди Маълумотҳои шахсӣ, баррасии маълумотҳои молиявӣ ва интиқоли маълумоте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳанд, танҳо аз ҷониби Шарикони молиявӣ анҷом дода мешавад ва Алиф Савдо ва кормандони ӯ дар доираи ин баррасӣ иштирок намекунанд ва ба маълумотҳое, ки тавассути блоки махсус/истинод фиристода мешаванд, дастрасӣ надоранд. |
| 5.8. Точную информацию об условиях заключаемого с Финансовыми партнерами договора потребительского кредита или иного договора/сделки, в том числе об условиях предоставления, использования и возврата потребительского кредита, необходимо уточнять у Финансовых партнерах. | 5.8. Маълумоти дақиқ дар бораи шартҳои шартномаи бо Шарикони молиявӣ баставандаи қарзи истеъмолӣ ё шартномаи/аҳдҳои дигар, аз ҷумла дар бораи шартҳои пешниҳод, истифода ва баргардонидани қарзи истеъмолӣ, бояд аз Шарикони молиявӣ муайян карда шавад. |
| 5.9. Алиф Савдо не дает гарантий в отношении одобрения Заявки на рассрочку Финансовыми партнерами, направленной с использованием функционала Маркетплейса, и не несет ответственности за обработку переданной | 5.9. Алиф Савдо барои тасдиқи Дархости насия аз ҷониби Шарикони молиявӣ, ки бо истифодаи функсияи Маркетплейс фиристода шудааст кафолат намедиҳад ва барои коркарди маълумоти шахсие, ки аз ҷониби Харидор |

| | |
|---|---|
| Пользователем персональной информации, а также за качество оказываемых Финансовыми партнерами услуг. Отношения по поводу исполнения кредитной или иной договор/сделки возникают исключительно между Пользователем и Финансовыми партнерами, Алиф Савдо не является стороной указанного договора/сделки и не несет никакой ответственности по обязательствам, вытекающим из договоров/сделок, заключенных Финансовыми партнерами с Пользователями. | интиқол дода шудааст, инчунин барои сифати хизматрасониҳои аз ҷониби Шарикони молиявӣ амалишаванда ҷавобгар нест. Муносибатҳо дар робита бо иҷрои шартномаи кредитӣ ё дигари шартнома/муомила танҳо байни Харидор ва Шарикони молиявӣ ба миён меоянд, Алиф Савдо тарафи шартномаи/муомилаи нишондодашуда намебошад ва ҳеҷ гуна масъулиятро дар уҳдадориҳое, ки аз шартномаҳо/муомилоте, ки аз ҷониби Шарикони молиявӣ бо Харидорон баста шудаанд, бармеоянд, намебарад. |
| 5.10. Цена Товара на Маркетплейсе указывается в национальной валюте Республики Таджикистан – в сомони. | 5.10. Арзиши Товар дар Маркетплейс бо асъори миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон – сомонӣ нишон дода мешавад. |
| 5.11. В случаях, когда Покупатель осуществляет возврат Товара, и требует возврата денежных средств, Продавец осуществляет ему возврат денежных средств в установленном законодательством РТ порядке. | 5.11. Дар ҳолатҳое, ки Харидор баргардонидани Молро анҷом медиҳад ва баргардонидани маблағҳои пулӣ талаб мекунад, Фурӯшанда ба ӯ баргардонидани маблағҳои пулиро дар тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ анҷом медиҳад. |
| **6. ПОРЯДОК ПОЛУЧЕНИЯ ТОВАРА** | **6. ТАРТИБИ ГИРИФТАНИ МОЛ** |
| 6.1. Покупателю доступны следующие способы получения Товара:<br>- Курьерская доставка по указанному адресу в пределах города Душанбе. | 6.1. Ба Харидор тарзи зерини гирифтани Мол дастрас аст:<br>- Интиқол бо қосид ба суроғаи нишондодашуда дар доираи шаҳри Душанбе. |
| 6.2. Алиф Савдо и Продавец могут поручить исполнение своих обязательств по договору с Покупателем третьим лицам, оставаясь при этом ответственным за их действия. | 6.2. Алиф Савдо ва Фурӯшанда метавонанд иҷрои уҳдадориҳои худро дар шартнома бо Харидор ба шахсони сеюм вогузор кунанд, дар ҳолати мазкур барои амалҳои онҳо масъул боқӣ мемонад. |
| 6.3. Для осуществления верификации Покупателя при передаче Заказа, Покупателю в личном кабинете в информационной части Заказа указывается код, назвав который, Покупатель может получить товар. Выдача Товара производится при предъявлении кода, сформированного в Личном кабинете. | 6.3. Барои анҷом додани мушаххаскунии Харидор ҳангоми интиқоли Фармоиш, ба Харидор дар Утоқи шахсӣ дар қисмати иттилооии Фармоиш рамз нишон дода мешавад, ки бо номбар кардани он Харидор метавонад Молро гирад. Супоридани Мол ҳангоми пешниҳоди рамзи дар Утоқи шахсӣ ташаккулёфта анҷом дода мешавад. |
| 6.4. В целях исключения мошенничества при вручении Заказа, администратор пункта выдачи заказа или курьер вправе потребовать у Покупателя предъявить документ, удостоверяющий личность Покупателя. | 6.4. Бо мақсади пешгирии қаллобӣ ҳангоми пешниҳоди Фармоиши, маъмури нуқтаи додани фармоиш ё қосид ҳуқуқ дорад аз Харидор талаб кунад, ки ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсиятро пешниҳод кунад. |
| 6.5. Несовершение необходимых действий для принятия Товара при курьерской доставке рассматриваются как отказ Покупателя от Товара. В этом случае оформляется возврат Заказа. | 6.5. Анҷом надодани амалҳои зарурӣ барои қабули Мол ҳангоми интиқоли бо қосид ҳамчун рад шудани Мол аз ҷониби Харидор баррасӣ мешавад. Дар ин ҳолат Фармоиш баргардонида мешавад. |

| | |
|---|---|
| 6.6. Покупатель обязан в момент получения Заказа у Продавца или от курьера проверить Товар на наличие в нём недостатков. | 6.6. Харидор дар лаҳзаи гирифтани Фармоиш аз Фурӯшанда ё аз қосид бояд Молро аз ҷиҳати мавҷуд будани нуқсонҳо дар он санҷад. |
| 6.7. Если Покупатель не проверил Товар, то Алиф Савдо не отвечает за недостатки исполнения Заказа. | 6.7. Агар Харидор Молро санҷида набошад, Алиф Савдо барои нуқсонҳои иҷрои Фармоиш масъул намешавад. |
| **7.ОТКАЗ И ОБМЕН ТОВАРА** | **7. РАД ВА ИВАЗИ МОЛ** |
| 7.1. Если Заказ еще не передан в доставку, Покупатель может отменить его в интерфейсе Маркетплейса (кнопка «Отменить заказ») или по звонку в службу поддержки. | 7.1. Агар Фармоиш барои расондан супорида нашуда бошад, Харидор метавонад онро дар интерфейси Маркетплейс (тугмаи "Фармоишро бекор кунед") ё тавассути занг ба хадамоти дастгирӣ бекор/рад кунад. |
| 7.2. Покупатель вправе отказаться от Товара надлежащего качества до его передачи. После передачи возврат возможен в течение 14 календарных дней, если Товар не подошел по размеру, цвету или другим характеристикам. Возврат осуществляется у Продавца, где был приобретен Товар. | 7.2. Харидор ҳуқуқ дорад аз Моли сифати дахлдорро то интиқоли он даст кашад. Пас аз интиқол баргардондан дар давоми 14 рӯзи тақвимӣ имконпазир аст, агар Мол аз нигоҳи андоза, ранг ё дигар хусусиятҳо мувофиқ наояд. Баргардондан назди Фурӯшандае, ки Мол харида шудааст, анҷом дода мешавад. |
| 7.3. Возврат возможен при условии, что Товар не использовался, сохранены упаковка со штрих-кодом, ярлыки, пломбы, товарный вид и потребительские свойства, а также документ, подтверждающий покупку. | 7.3. Баргардондан бо шарте имконпазир аст, ки Мол истифода нашуда бошад, бастабандӣ бо рамзи хаттӣ, муҳрҳо, намуди мол ва хосиятҳои истеъмолии он нигоҳ дошта шуда бошанд, инчунин ҳуҷҷатҳое, ки харидро тасдиқ мекунад. |
| 7.4. Товарный вид считается сохраненным, если внешний вид Товара и упаковки позволяет его повторную продажу. Поврежденная упаковка, следы использования, препятствующие дальнейшей продаже, делают возврат невозможным. | 7.4. Намуди молӣ дахлдор ҳисобида мешавад, агар намуди берунии Мол ва бастабандӣ фурӯши такрории онро имконпазир намояд. Бастабандии вайроншуда, нишонаҳои истифода, ки ба фурӯши минбаъда монеъ мешаванд, баргардонданро ғайриимкон мегардонанд. |
| 7.5. Стоимость доставки Товара при отказе от него не подлежит возврату. | 7.5. Арзиши интиқоли Мол ҳангоми рад кардани он баргардида намешавад. |
| 7.6. Покупатель, которому продан Товар с недостатками (если это не было оговорено Продавцом при заключении договора), вправе потребовать:<br>- замены на Товар надлежащего качества аналогичной марки (модели, артикула);<br>- замены на товар другой марки (модели, артикула) с соответствующим перерасчетом покупной цены;<br>- безвозмездного устранения недостатков или возмещения расходов на их исправление;<br>- соразмерного уменьшения покупной цены;<br>- расторжения договора с возмещением понесенных убытков. | 7.6. Харидоре, ки ба ӯ Моли бо нуқсонҳо фурӯхта шудааст (агар ин аз ҷониби Фурӯшанда ҳангоми бастани шартнома қайд нашуда бошад) ҳуқуқ дорад талаб кунад:<br>- иваз кардан ба Моли сифати дахлдори ҳамон тамғаи (модел, артикул);<br>- иваз кардан ба Моли тамғаи дигар (модел, артикул) бо ҳисобкунии мутаносиби арзиши харид;<br>- бартарафкунии ройгони нуқсонҳо ё ҷуброни хароҷотҳо барои ислоҳи онҳо;<br>- кам кардани арзиши харид;<br>- бекор кардани шартнома бо ҷуброни зарарҳои расонидашуда. |

| | |
|---|---|
| 7.7. Покупатель может реализовать указанные права, если недостатки обнаружены в течение:<br>- гарантийного срока или срока годности товара;<br>- шести месяцев для товаров без гарантийного срока;<br>- срока, установленного законодателством РТ. | 7.7. Харидор метавонад ҳуқуқҳои нишондодашударо амалӣ кунад, агар нуқсонҳо дар давоми:<br>- мӯҳлати кафолатӣ ё мӯҳлати эътибори товар;<br>- шаш моҳ барои Моли бе мӯҳлати кафолат;<br>- мӯҳлати муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ. |
| 7.8. Алиф Савдо не устанавливает гарантийный срок на Товар. Гарантийный срок определяется изготовителем или Продавцом. | 7.8. Алиф Савдо мӯҳлати кафолати Молро муқаррар намекунад. Мӯҳлати кафолатӣ аз ҷониби истеҳсолкунанда ё Фурӯшанда муайян карда мешавад. |
| **8.УСЛУГИ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ДОСТАВКИ ТОВАРОВ** | **8. ХИЗМАТРАСОНИҲО ОИДИ ТАШКИЛИ ИНТИҚОЛИ МОЛ** |
| 8.1. Стоимость доставки определяется при оформлении Заказа на Маркетплейсе. Алиф Савдо и Продавцы вправе изменять цены на доставку в одностороннем порядке. | 8.1. Арзиши интиқол ҳангоми расмикунии Фармоиш дар Маркетплейс муайян карда мешавад. Алиф Савдо ва Фурӯшандагон ҳуқуқ доранд нархҳои интиқолро ба тарзи якҷонибаи тағйир диҳанд. |
| 8.2. Алиф Савдо и/или привлеченные им третьи лица (субподрядчики) оказывают услуги по организации доставки, но не являются продавцами Товаров, если иное не указано в Заказе. | 8.2. Алиф Савдо ва/ё шахсони сеюми ҷалбшудаи ӯ (субпаймонкор) хизматрасониҳои интиқоли Молро амалӣ менамояд, вале фурӯшандагони Мол ба ҳисоб намеравад, агар дар Фармоиш ҳолати дигар нишон дода нашуда бошад. |
| 8.3. В случае полной утраты или гибели Товара в процессе доставки, сумма предварительной оплаты за Товар подлежит возврату Пользователю. | 8.3. Дар ҳолати нобудшавии пурра ё ҳалокати Мол дар раванди интиқол, маблағи пардохти пешакии Мол ба Харидор баргардонда мешавад. |
| 8.4. Ответственность за доставку<br>8.4.1. Алиф Савдо и Продавец не несут ответственности за ненадлежащее выполнение доставки в следующих случаях:<br>- нарушение условий Оферты Пользователем;<br>- отсутствие Пользователя или получателя по указанному адресу в момент доставки;<br>- невозможность связи с Пользователем по указанным контактным данным;<br>- форс-мажорные обстоятельства (стихийные бедствия, транспортные ограничения и др.);<br>- отсутствие внешних повреждений упаковки и пломб при передаче Товара;<br>- неосуществление необходимых действий для получения Товара в пункте выдачи. | 8.4. Масъулият барои интиқол:<br>8.4.1. Алиф Савдо ва Фурӯшанда дар ҳолатҳои зерин барои интиқоли номуносиб ҷавобгар нест:<br>- вайрон кардани шартҳои Оферта аз ҷониби Харидор;<br>- набудани Харидор ё гиранда аз рӯи суроғаи нишондодашуда дар лаҳзаи интиқол;<br>- ғайриимкон будани алоқа бо Харидор аз рӯи маълумоти алоқаи нишондодашуда;<br>- ҳолатҳои форс-мажор (офатҳои табиӣ, маҳдудиятҳои нақлиёт ва ғ.);<br>- набудани осебҳои берунии бастабандӣ ва муҳрҳо ҳангоми интиқоли Мол;<br>- анҷом надодани амалҳои зарурӣ барои гирифтани Товар дар нуқтаи додан. |
| **Подъем крупногабаритного Товара** | **Боло бардани Моли калонҳаҷм** |
| 8.5. При наличии соответствующего функционала на Маркетплейсе, Покупатель | 8.5. Дар ҳолати мавҷуд будани имконияти дахлдор дар Маркетплейс, Харидор метавонад |

| | |
|---|---|
| может заказать подъем крупногабаритного Товара (от 30 кг) на этаж. | боло бурдани Моли калонҳаҷм (аз 30 кг) ба ошёнаро фармоиш диҳад. |
| 8.6. Если доставку осуществляет Алиф Савдо, стоимость подъема будет включатся в стоимость доставки. | 8.6. Агар интиқолро Алиф Савдо анҷом диҳад, Арзиши боло баровардан ба Арзиши интиқол дохил мешавад. |
| 8.7. Если доставку осуществляет Продавец, стоимость подъема тарифицируется отдельно. Покупатель вправе отказаться от подъема Товара, в этом случае доставка осуществляется только до подъезда. | 8.7. Агар интиқолро Фурўшанда анҷом диҳад, Арзиши боло баровардан алоҳида ҳисоб карда мешавад. Харидор ҳуқуқ дорад аз боло баровардани Мол даст кашад, дар ин ҳолат интиқол танҳо то даломади бино анҷом дода мешавад. |
| 8.8. Если Покупатель указал недостоверные сведения о подъеме или подъем невозможен по независящим от исполнителя причинам, он оплачивает услугу подъема напрямую исполнителю по тарифам, указанным на Маркетплейсе. В противном случае подъем не осуществляется. | 8.8. Агар Харидор маълумоти нодурусти дар бораи боло баровардан пешниҳод карда бошад ё боло бардан аз сабабҳои аз иҷрокунанда вобаста набуда ғайриимкон бошад, ӯ хизматматрасонии боло баровcovarданро бевосита ба иҷрокунанда аз рӯи тарофаҳои дар Маркетплейс нишондодашуда пардохт мекунад. Дар акси ҳол боло бардан анҷом дода намешавад. |
| **9.ПРАВА И ОБЯЗАННОСТИ СТОРОН** | **9.ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО** |
| 9.1. **Алиф Савдо имеет право:**<br>- изменять условия Оферты в одностороннем порядке, размещая их на своем Сайте;<br>- все изменения вступают в силу немедленно после публикации, и считаются доведенными до сведения Покупателя с момента такой публикации;<br>- без согласования с Покупателем, передавать свои права и обязанности по исполнению отдельных условий по сделке и в соответствии с Офертой третьим лицам в интересах Покупателя;<br>- принимать любые разумные меры по выявлению и пресечению неправомерных действий с использованием Маркетплейса;<br>- в случае, если Покупателем приобретается акционный Товар, Маркетплейс вправе отказать от передачи товара в собственность Покупателю в случае нарушения условий участия в акциях;<br>- требовать предъявить документы, если это обусловлено особенностями Товара и условиями проведения акции;<br>- в случае нарушения Покупателем Оферты и/или совершения неправомерных действий, Маркетплейс имеет право заблокировать Личный | 9.1. **Алиф Савдо ҳуқуқ дорад:**<br>- шартҳои Офертаро ба яктарафа тағйир диҳад ва онҳоро дар Сомона ҷойгир кунад;<br>- ҳамаи тағйирот пас аз нашр қувваи амал пайдо менамояд ва аз лаҳзаи чунин нашр ба иттилои Харидор расонидашуда ҳисоб мешаванд;<br>- бе мувофиқакунӣ бо Харидор, ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои худро оиди иҷрои шартҳои алоҳидаи аҳд ва мутобиқи Оферта ба шахсони сеюм ба манфиати Харидор вогузор кунад;<br>- ҳама гуна тадбири оқилонаро барои ошкоркунӣ ва қатъ кардани амалҳои ғайриқонунӣ бо истифодаи Маркетплейс пешгирӣ намояд;<br>- дар ҳолате, ки аз ҷониби Харидор Моли иқдомӣ харида шавад, Маркетплейс ҳуқуқ дорад аз интиқоли мол ба моликияти Харидор дар ҳолати вайрон кардани шартҳои иштирок дар Иқдомҳо даст кашад;<br>- пешниҳоди ҳуҷҷатҳоро талаб кунад, агар ин бо хусусиятҳои Мол ва шартҳои гузаронидани иқдом пешбинӣ шуда бошад;<br>- дар ҳолати вайрон кардани Оферта аз ҷониби Харидор ва/ё содир кардани амалҳои ғайриқонунӣ, Маркетплейс ҳуқуқ дорад Утоқи шахсии Харидорро маҳкам |

| | |
|---|---|
| кабинет Покупателя, или ограничить функциональные возможности использования Покупателем Маркетплейса;<br>- Алиф Савдо обладает иными правами в соответствии с действующим законодательством Республики Таджикистан. | кунад ё имкониятҳои функсионалии истифодаи Маркетплейс аз ҷониби Харидорро маҳдуд кунад;<br>- Алиф Савдо мутобиқи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳуқуқҳои дигар доро аст. |
| 9.2. **Покупатель обязуется:**<br>- ознакомиться с текстом Оферты и выполнять её условия;<br>- при регистрации в Личном кабинете предоставлять правдивую, точную и полную информацию о себе и реквизиты для доставки Товара и поддерживать эту информацию в актуальном состоянии;<br>- при использовании Маркетплейса соблюдать законодательство Республики Таджикистан и нормы, регулирующие коммерческую деятельность, а также права и интересы третьих лиц;<br>- немедленно уведомить Алиф Савдо о любом случае несанкционированного (не разрешенного Покупателем) доступа к Личному кабинету с использованием учетной записи Покупателя и/или о любом нарушении (подозрениях о нарушении) конфиденциальности и доступа к Личному кабинету;<br>- тщательно проверять правильность оформления выбранного Заказа (сумма, выбранный Товар, количество Товара и т.д.) до момента его оплаты;<br>- не передавать свой логин (номер телефона) и пароль третьим лицам, и тем самым самостоятельно нести ответственность за сохранность логина (номер телефона) и пароля;<br>- во избежание споров, при оформлении Заказа ознакомиться с информацией о Товаре;<br>- добросовестно использовать Товар исключительно по его функциональному предназначению, в соответствии с правилами эксплуатации (если таковые имеются);<br>- соблюдать условия участия в действующих акциях, проводимой Алиф Савдо. | 9.2. **Харидор ухдадор аст:**<br>- бо матни Оферта шинос шавад ва шартҳои онро иҷро кунад;<br>- ҳангоми Бақайдгирӣ дар Утоқи шахсӣ маълумоти дуруст, дақиқ ва пурра дар бораи худ ва телефонҳои алоқа, суроғаи расонад кунад ва ин маълумотро дар ҳолати актуалӣ нигоҳ дорад;<br>- ҳангоми истифодаи Маркетплейс қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳое, ки фаъолияти тиҷориро танзим мекунанд, инчунин ҳуқуқҳо ва манфиатҳои шахсони сеюмро риоя кунад;<br>- дарҳол ба Алиф Савдо оиди дилхоҳ ҳолати дастрасии ғайриқонунӣ (аз ҷониби Харидор иҷозат дода нашуда) ба Утоқи шахсӣ бо истифодаи сабти ҳисоби Харидор ва/ё оиди ҳар гуна вайронкунӣ (шубҳаҳо дар бораи вайронкунӣ) махфият ва дастрасӣ ба Утоқи шахсӣ хабар диҳад;<br>- дақиқиянаи дурустии расмикунии Фармоиши интихобшуда (маблағ, Моли интихобшуда, миқдори Мол ва ғ.)-ро то лаҳзаи пардохти он санҷад;<br>- логин (рақами телефон) ва рамзи убури худро ба шахсони сеюм интиқол надиҳад ва аз ин рӯ худаш барои нигоҳдории логин (рақами телефон) ва рамзи убур масъулият барад;<br>- барои пешгирии баҳсҳо, ҳангоми расмикунии Фармоиш бо маълумот дар бораи Мол шинос шавад;<br>- Молро танҳо аз рӯи таъинотнокии функсионалии он, мутобиқи қоидаҳои истифодабарӣ (агар чунин қоидаҳо мавҷуд бошанд) софдилона истифода барад;<br>- шартҳои иштирок дар иқдомҳои ҷорие, ки аз ҷониби Алиф Савдо гузаронида мешаванд, риоя кунад. |
| **10. ОБРАБОТКА ПЕРСОНАЛЬНЫХ ДАННЫХ** | **10. КОРКАРДИ МАЪЛУМОТҲОИ ШАХСӢ** |
| 10.1. Покупатель дает Алиф Савдо согласие на обработку персональной информации для предоставления функциональных возможностей Маркетплейса, а также на | 10.1. Харидор ба Алиф Савдо розигӣ ба коркарди маълумоти шахсӣ барои пешниҳоди имкониятҳои функсионалии Маркетплейс, инчунин интиқоли маълумотҳо ба шариконе, |

| | |
|---|---|
| передачу данных партнерам, размещающим товарные предложения, и их представителям. Эти данные могут использоваться для персонализации предложений и направления запросов о приобретении товаров. | ки пешниҳодҳои Молиро ҷойгир мекунанд, ва намояндагони онҳо медиҳад. Ин маълумотҳо метавонанд барои инфиродикунии пешниҳодҳо ва равонкунии дархостҳо дар бораи харидани Мол истифода шаванд. |
| 10.2. Покупатель также соглашается на передачу его персональных данных аффилированным лицам Алиф Савдо для предоставления персонализированных сервисов и таргетированной рекламы. | 10.2. Харидор инчунин ба интиқоли Маълумотҳои шахсии ӯ ба ашхоси вобастаи Алиф Савдо барои пешниҳоди хизматрасониҳои персоналишуда ва реклмаи ҳадафманд розӣ мешавад. |
| 10.3. Персональная информация, предоставленная Пользователем при оформлении Заказа, оплате Товаров или возврате, может быть передана:<br>- Продавцу, для исполнения договора купли-продажи и доставки Товара;<br>- привлеченным третьим лицам, исполняющим обязательства по доставке;<br>- кредитным организациям, участвующим в операциях оплаты/оформлении расрочки Товаров; | 10.3. Маълумоти шахсие, ки аз ҷониби Харидор ҳангоми расмикунии Фармоиш, пардохти Мол ё баргардондан пешниҳод шудааст, метавонад интиқол дода шавад:<br>- ба Фурӯшанда, барои иҷрои шартномаи хариду фурӯш ва интиқоли Товар;<br>- ба шахсони ҷалбшудаи сеюм, ки уҳдадориҳо барои интиқол иҷро мекунанд;<br>- ба созмонҳои кредитӣ, ки дар амалиётҳои пардохт/расмикунии қарзи Мол иштирок мекунанд. |
| 10.4. Алиф Савдо передает и получает от партнеров только необходимую для указанных целей информацию. Обработка данных регулируется Политикой конфиденциальности, размещенной по адресу https:_________________. | 10.4. Алиф Савдо танҳо маълумоти барои мақсадҳои нишондодашуда зарурӣ аз шарикон мегирад ва ба онҳо равон мекунад. Коркарди маълумотҳо тибқи Сиёсати махфият, ки бо суроғаи https:________________ ҷойгир карда шудааст, танзим карда мешавад. |
| 10.5. Алиф Савдо хранит персональную информацию Пользователя и получателя Заказа в течение срока использования Маркетплейса и не менее трех лет с момента последнего использования. | 10.5. Алиф Савдо маълумоти шахсии Харидор ва гирандаи Фармоишро дар давоми мӯҳлати истифодаи Маркетплейс ва на камтар аз се сол аз лаҳзаи истифодаи охирин нигоҳ медорад. |
| 10.6. Покупатель гарантирует, что обладает правом предоставлять согласие на обработку данных третьих лиц (получателей Заказа) и несет ответственность за возможные убытки и судебные расходы, связанные с нарушением этой гарантии. | 10.6. Харидор кафолат медиҳад, ки ҳуқуқи пешниҳоди розигӣ ба коркарди Маълумотҳои шахсони сеюм (гирандагони Фармоиш)ро дорад ва барои зарарҳои эҳтиМолӣ ва харҷҳои судӣ, ки бо вайрон кардани ин кафолат алоқаманданд, масъулият мебарад. |
| **11. ОТВЕТСТВЕННОСТЬ СТОРОН**<br>11.1. За неисполнение или ненадлежащее исполнение условий Оферты Стороны несут ответственность в соответствии с Офертой и действующим законодательством Республики Таджикистан. | **11. МАСЪУЛИЯТИ ТАРАФҲО**<br>11.1. Барои иҷро накардан ё иҷрои номуносиби шартҳои Оферта Тарафҳо мутобиқи Оферта ва қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгаранд. |
| **12. ФОРС МАЖОР**<br>12.1. Стороны освобождаются от ответственности за частичное или полное неисполнение обязательств по Оферте в случае наступления обстоятельств непреодолимой | **12. ФОРС-МАЖОР**<br>12.1. Тарафҳо аз масъулият барои иҷрои қисман ё пурраи уҳдадориҳо аз рӯи Оферта дар ҳолати ба вуҷуд омадани ҳолатҳои қувваи рафъонопазир (форс-мажор), аз ҷумла ҳодисаҳои табиӣ (заминларза, тӯфон ва ғ.) ва |

| | |
|---|---|
| силы (форс-мажор), включая природные явления (землетрясения, ураганы и т. д.) и социально-экономические обстоятельства (войны, запреты на импорт/экспорт и др.), а также иные обстоятельства, признанные форс-мажорными по законодательству Республики Таджикистан. | ҳолатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ (ҷангҳо, маҳдудият барои воридот/содирот ва ғ.), инчунин дигар ҳолатҳои форс-мажорӣ аз рӯи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, озод карда мешаванд. |
| 12.2. При возникновении форс-мажора сроки выполнения обязательств по Оферте продлеваются на период действия таких обстоятельств. | 12.2. Дар ҳолати ба вуҷуд омадани ҳолатҳои форс-мажор мӯҳлатҳои иҷрои уҳдадориҳо аз рӯи Оферта ба давраи амали чунин ҳолатҳо дароз карда мешаванд. |
| 12.3. Сторона, для которой стало невозможным исполнение обязательств, обязана уведомить другую Сторону в письменной форме о наступлении и прекращении форс-мажора не позднее 3 (трех) рабочих дней с момента их наступления или прекращения. | 12.3. Тарафе, ки барои он иҷрои уҳдадориҳо ғайриимкон шудааст, бояд Тарафи дигарро дар шакли хаттӣ дар бораи ба вуҷуд омадан ва қатъ шудани ҳолати форс-мажор на дертар аз 3 (се) рӯзи корӣ аз лаҳзаи ба вуҷуд омадан ё қатъ шудани онҳо огоҳ намояд. |
| **13. ПОРЯДОК РАЗРЕШЕНИЯ СПОРОВ** | **13. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО** |
| 13.1. Споры и разногласия, которые могут возникнуть из Оферты или в связи с ними, Стороны будут стремиться разрешать путем досудебных переговоров письмом претензией в течение 30 рабочих дней с даты уведомления одной из Сторон о возникновении спора. | 13.1. Баҳсҳо ва ихтилофоте, ки метавонанд аз Оферта ё дар робита бо онҳо ба вуҷуд оянд, Тарафҳо кӯшиш мекунанд тавассути музокироти тосудӣ бо мактуби даъвогӣ дар давоми 30 рӯзи корӣ аз санаи огоҳкунии яке аз Тарафҳо дар бораи ба вуҷуд омадани баҳс ҳал кунанд. |
| 13.2. В случае невозможности мирного урегулирования спора, данный спор подлежит окончательному разрешению в государственном суде в установленном законом порядке. | 13.2. Дар ҳолати ғайриимкон будани ҳалли осоиштаи баҳс, баҳси мазкур барои ҳалли ниҳоӣ дар суд тибқи тартиби муқararнамудаи қонун баррасӣ мешавад. |
| **14. ПРОЧИЕ УСЛОВИЯ** | **14. ШАРТҲОИ ДИГАР** |
| 14.1. Обладателем исключительных прав на Маркетплейс, включая, но не ограничиваясь, права на доменное имя, размещенный логотип Маркетплейса, базы данных, все технические разработки, позволяющие осуществлять использование Маркетплейса, является ООО «Алиф Савдо». | 14.1. Ҳуқуқи соҳибмулкӣ ва ҳуқуқҳои истисноӣ ба Маркетплейс, аз ҷумла вале бо он маҳдуд нашуда, ҳуқуқҳо ба номи доменӣ, логотипи ҷойгиршудаи Маркетплейс, пойгоҳҳои маълумотҳо, ҳамаи таҳияҳои техникӣ, ки истифодаи Маркетплейсро иҷозат медиҳанд, ба ҶДММ "Алиф Савдо" тааллуқ дорад. |
| 14.2. Покупатель не вправе использовать Маркетплейс способами, не предусмотренными Офертой. | 14.2. Харидор ҳуқуқ надорад Маркетплейсро бо воситаҳое, ки дар Оферта пешбинӣ нашудаанд, истифода барад. |
| 14.3. В случае, если любое из положений Оферты будет признано недействительным, незаконным или не имеющим юридической силы в соответствии с применимым законодательством, все остальные положения Оферты сохраняют полную силу и действие. Стороны в таком случае обязаны заменить недействительное, незаконное или неосуществимое положение | 14.3. Дар ҳолате, ки яке аз муқаррароти Оферта беэътибор, ғайриқонунӣ ё беқувваи ҳуқуқӣ мутобиқи қонунгузории татбиқшаванда эътироф карда шавад, ҳамаи муқаррароти дигари Оферта қувваи пурра ва амалро нигоҳ медоранд. Тарафҳо дар чунин ҳолат бояд муқаррароти беэътибор, ғайриқонунӣ ё ғайриқобилро бо муқаррароти қонунӣ ва дорои қувваи ҳуқуқии дахлдор иваз кунанд. |

| | |
|---|---|
| взаимоприемлемым правомерным, законным и имеющим юридическую силу положением. | |
| 14.4. Срок действия Оферты не ограничен, если иное не указано на интернет-сайте Маркетплейса. | 14.4. Мӯҳлати амали Оферта номаҳдуд аст агар дар сомонаи Маркетплейс тартиби дигар нишон дода нашуда бошад. |
| 14.5. Актуальный текст Оферты размещается по адресу: https://alifshop.tj | 14.5. Матни амалкунандаи Оферта дар суроғаи: https://alifshop.tj нашр карда мешавад. |